# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА–040 НАЗДИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО» ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №_____

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 03.07.с.2023, № 12

барои сазовор донистани Сараев Алишер Раҳматуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, ба ҳимоя 03.07.с.2023 (протоколи № 12) дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (734026, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31), ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 37/шд аз 28.02.с.2023 тасдик гардидааст, қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сараев Алишер Раҳматуллоевич, соли таваллудаш 1967, соли 1992 факултети муолиҷавии Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Синоро бо ихтисоси «Кори табобатӣ» хатм намудааст. Солҳои 1992-1993 интернатураро бо ихтисоси “Ҷарроҳӣ” дар факултети такмили ихтисоси ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино гузаштааст. Аз соли 2001 ба ҳайси ассистенти кафедра ва аз соли 2018 дотсенти кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. фаъолият мекунад. Соли 2007 диссертатсияи номзади илмҳои тиббӣ дар мавзӯи «Арзёбии самаранокии антисептик Уресултан дар пешгирии авориза фасодӣ-илтиҳобии баъдазҷарроҳӣ» ҳимоя намудааст. Дар давраи таҳияи диссертатсияи докторӣ Сараев Алишер Раҳматуллоевич унвонҷӯи кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. мебошад.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои тиббӣ, дотсент Назаров Шоҳин Қувватович – мудири кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

**Муқарризони расмӣ:**

1. Сафарзода Абдулло Мумин - доктори илмҳои тиббӣ, директори МД “Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов” Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

2. Қодиров Фарҳод Давронҷонович - доктори илмҳои тиббӣ, ходими калони илмии МД «Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

3. Назарзода Файзали Насрулло - доктори илмҳои тиббӣ, директори МД «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар н.Қубодиён

ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар хулосаи мусбии худ, ки бо имзоҳои директори муассиса д.и.т., профессор Муҳиддин Н.Д. ва эксперт – мудири кафедраи ҷарроҳии муассиса д.и.т. Расулов Н.А. қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, ҳаҷми таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада ба талаботи фасли 3, банди 32 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, барои рисолаҳои докторӣ пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 44 таълифот, аз он ҷумла 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои мӯътабари илмии тиббии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография «Перитонити паҳнгашта (пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобат)» ба чоп расондааст, 2 патент барои ихтироъ (№ TJ610 аз 14.04.2014. ва № TJ1316 аз 18.11.2022), инчунин бо ҳаммуаллифон 2 гувоҳномаи таклифи беҳсозон таҳия намудааст. Дар онҳо нуктаҳои асосии диссертатсия ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд.

**Рӯйхати корҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишорёфта аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

1. Сараев А.Р. Современные аспекты диагностики и лечения перитонитов. / А.Р. Сараев, К.М.Курбонов, Ф.И. Махмадов // Известия Академии наук РТ, отделение биологических и медицинских наук. - 2010. - №2 (171) - С.83-87
2. Сараев А.Р. Прогнозирование исхода и выбор лечебной тактики при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, К.М. Курбонов, Ш.К. Полвонов, Д.С. Халимов. // Вестник Авиценны. 2015 - №3 - с.112-116 .
3. Сараев А.Р. Усовершенствование классификации перитонитов. / А.Р. Сараев // Вестник Авиценны. 2018. - №4 - с.442-447. Doi:10.25005/2074-0581-2018-20-4-442-447

4. Сараев А.Р. Патогенез и классификация распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров // Хирургия. Журнал им. Пирогова Н.И. 2019. - №12 - с.106-110. https://doi.org/10.17116/hirurgia2019121106
5. Сараев А.Р. Хирургическая тактика при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Дж.С. Халимов. // Здравоохранение Таджикистана. 2019. - №4 – с.
6. Сараев А.Р. Поксозии контрастии ковокии шикам ва энтеросорбсия ҳангоми табобати перитонити паҳнгашта. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Ҷ.С. Ҳалимов // Авҷи Зуҳал. - 2020. - №1 с.11-16.
7. Сараев А.Р. Биомаркеры воспаления и сепсиса в диагностике стадий распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде, Сабурова А.М. // Вестник Авиценны. - 2020. - №22(2) - с.280-285. Available from: https://doi.org/10.25005/2074-0581-2020-22-2-280-285.
8. Сараев А.Р. Роль моноцитов в патогенезе распространённого перитонита. \ А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде.\\ Вестник Авиценны. – 2020. - № 22(3). С. 453-458. Available from: https://doi.org/10.25005/2074-0581-2020-22-3-455-460.
9. Сараев А.Р. Тактика лечения тяжёлых форм распространённого перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде. // Здравоохранение Таджикистана. – 2020. - №3 – с.51-57.
10. Сараев А.Р. Алгоритми тактикаи табобати ҷарроҳии перитонити паҳнгашта. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Ҷ.С. Ҳалимов. // Авҷи Зуҳал. – 2020. - №2 с. 14-21.
11. Сараев А.Р. Поксозии видеолапароскопии ковокии шиками беморон бо перитонити паҳнгашта дар марҳилаи баъдазҷарроҳӣ. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Б.Дж. Султонов. // Авҷи Зуҳал. – 2020. - №4 – с.79-85.
12. Сараев А.Р. Алгоритми пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Илм ва фановари. – 2021 - №3 – с.85-90.
13. Сараев А.Р. Лапароскопические санации брюшной полости в послеоперационном ведении больных с распространенным перитонитом / А.Р. Сараев // Скорая медицинская помощь. - 2022 - №1.Т.23 – С.45-49 DOI:10.24884/2072-6716-2021-23-1-45-49
14. Сараев А.Р. Арзёбии вазнинии ҳолати беморон бо перитонити паҳнгашта дар асоси таснифи нав / А.Р. Сараев // Здравоохранение Таджикистана. – 2021 - №4 – с.88-93. DOI:10.52888/0514-2515-2021-351-4-88-93
15. Сараев А.Р. Самаранокии поксозии видеолапароскопии ковокии шиками ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев, Ш.Қ.Назаров, Қ.Р.Холов // Симурғ.- 2021 - №10(2) – с.48-53.

16.Сараев А.Р. Патогенези перитонити паҳнгашта ва сепсиси абдоминалӣ / А.Р. Сараев //Авҷи Зуҳал.- 2021 - №2 – с.131-136.
17.Сараев А.Р. Арзёбии вазнинии ҳолат дар пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Вестник последипломного обр. в сф. здрав. – 2022 - №1 – с.69-74.
18.Сараев А.Р. Муайян кардани нишондод барои поксозии лапароскопии барномавӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев//Авҷи Зуҳал.- 2021 - №4 – с.116-119.
19.Сараев А.Р. Нақши биомаркерҳо дар ташхискунӣ ва пешгӯии авҷгирии сепсиси абдоминалӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Симург -2021 – 13(1) – с. 14-22.
20.Сараев А.Р. Таърих ва вазъи кунунии масъалаи истифодабарии лапароскопия ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев// Симурғ - 2021 - №11(3) – с.122-128.

**Ба автореферати диссертатсия 5 тақризи мусбат ворид шудаанд:**

1. Мудири шӯъбаи колопроктологияи БКШ ба номи С.С.Юдин ш.Москва, Федератсияи Россия, д.и.т., профессор Багдасарова Е.А. – эрод нест.
2. Профессори кафедраи ҷарроҳии умумии Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, д.и.т. Абдуллаев С.А. – эрод нест.
3. Профессори кафедраи бемориҳои ҷарроҳии Донишгоҳи байналхалқии қазоқу-туркӣ ба номи Х.А.Ясавӣ, д.и.т. Сейдинов Ш.М. – эрод нест.
4. Мудири кафедраи "Амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографӣ ба номи профессор Каримов М.К." МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино", д.и.т. Қурбонов Ҷ.М. – эрод нест.
5. Мудири кафедраи "Бемориҳои ҷарроҳии №2 ба номи академик Усмонов Н.У." МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино", д.и.т. Маликов М.Х. – эрод нест.

Дар тақризҳо мубрамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич асари анҷомёфтаи илмӣ-ихтисосӣ аст, ки ба ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешавад, ки онҳо дар соҳаи ҷарроҳӣ ба дастовардҳои айён ноил гаштаанд, корҳои илмӣ дар ин соҳа ва таълифот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсионӣ оид ба мубрамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои объективона дода метавонанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдодаи илмӣ**

**коркард карда шуд:** таснифи такмилдодашудаи перитонити паҳнгашта ва усули нави арзёбии ҳолати беморон ҳангоми ин беморӣ;

**пешниҳод шудааст:** усули нави пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта бо истифода аз системаи интегралӣ ва панели биомаркерҳо;

**исбот шудааст:** самаранокии истифодабарии алгоритми интихоби тактикаи табобати шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта;

**ҷорӣ шудааст:** усули самараноки контрастии поксозии ковокии шикам ва усули энтеросорбсия ҳангоми перитонити паҳнгашта.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот тасдиқ карда шудааст тариқи:

**исбот намудани** самаранокии усулҳои пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта;

**самаранок истифода бурдани** усулҳои арзёбии ҳолати бемор гирифтори перитонити паҳнгашта, пешгӯии оқибати он ва интихоби тактикаи оптималии табобати перитонити паҳнгашта **тибқи масъалаҳои дар диссертатсия мавҷудбуда;**

**баён кардани** маълумот оид ба суст шудани ҷараёни таҷдиди эндотелиоситҳо, кам гаштани тарашшуҳи ситокинҳои илтиҳобӣ, аз ҷумла Омили Некрози Омос, дар натиҷаи инкишофи иммунодепрессия ва маҳв шудани вазифаи моноситҳо дар марҳилаи шоки септикӣ, ки омили афзудани фавтият ҳангоми шоки септикӣ мегардад;

**ошкор кардани** самаранок будани истифодабарии чораҳои дохилиамалиётӣ (усулҳои поксозии ковокии батн, найчагузорӣ ва энтеросорбсия) ҳангоми ҷарроҳии перитонити паҳнгашта;

**омӯхтани** патогенези инкишофи сепсиси абдоминалӣ барои дарк намудани асосҳои муносибати табобатӣ вобаста ба марҳилаи перитонити паҳнгашта;

**аз нав такмил додани** таснифи марҳилаҳо, усули пешгӯии оқибати перитонит, тактикаи табобати он.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия тасдиқ карда мешавад тариқи:**

**коркард ва ҷорӣ намудани** таснифи такмидодашуда ва системаи арзёбии ҳолати бемор ва пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта;

**муайян намудани** сатҳи нишондиҳандаҳои панели биомаркерҳо, ки барои муайян намудани марҳилаи перитонит ва пешгӯии оқибати он аҳамияти бузург дорад;

**офаридани** ҷадвали нави арзёбии ҳолати бемор ва пешгӯии оқибати табобати перитонити пашнгашта, бо баён намудани тавсияҳо оид ба истифодабарии онҳо;

**пешниҳод кардани** маҷмӯи тавсияҳои амалӣ барои ҷарроҳон оид ба интихоби тактикаи оптималии ҷарроҳӣ ва релапаротомияҳои талаботӣ ва барномавӣ, аз ҷумла бо истифодабарии видеолапароскопия.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки**

**назария** дар асоси омӯзиши маълумоти таҳқиқотҳои патогенетикӣ ва клиникӣ-озмоишӣ сохта шудааст;

**ғояи асоснокшуда:** таҳқиқот бо маълумоти мушоҳидаҳои бисёрсолаи амалӣ дар самти табобати беморон гирифтори шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта дар муқоиса бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои муаллифони варзидаи Федератсияи Россия ва мамлакатҳои Ғарб асоснок шудааст;

**истифода шудаанд:** маълумоти адабиёт, ки пешакӣ барои дида баромадани мавзӯъ гирифта шудааст оид ба усулҳои ҳозиразамони арзёбии ҳолати бемор гирифтори перитонити паҳнгашта, пешгӯии оқибати табобати он истифода бурда шудааст;

**муайян шудаанд:** мутобиқати назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо натиҷаҳои сарчашмаҳои мустақил оид ба мавзӯи мазкур овардашуда (Савельев В.С. ва ҳаммуаллифон, 2013; Гельфанд Б.Р. ва ҳаммуаллифон, 2017; Муминов С. ва ҳаммуаллифон, 2015; Demetriades D. et. al., 2013; Sartelli M. et. al., 2013), ки дар маводи диссертатсия пешниҳод гаштаанд, муайян шудааст;

**истифода карда шудаанд:** усулҳои ҳозиразамони ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти ибтидоӣ. Коркарди омории мавод бо истифода аз бастаи барномаҳои омории «Statistica 10.0» (StatSoft Inc., USA) гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани муқоисаи ҷуфтии нишондиҳандаҳои байни гурӯҳҳо аз Т-меъёри Вилкоксон истифода карда шуд. Дар ҳолати муқоисаи сершумор аз Н-критерияи Краскел-Уоллис истифода бурда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки** таҳқиқоти диссертатсионӣ асари илмии мустақили муаллиф мебошад. Пешниҳоди ғояи асосӣ ва мақсади таҳқиқот, коркарди равандҳои зарури методологӣ, ҳамаи пажуҳишҳои клиникӣ, шарҳу тафсири адабиёти илмии соҳавӣ, таҳлил ва тавзеҳи маълумоти клиникӣ-озмоишӣ, коркарди омории маълумоти бадастомада, таҳлили маводи мавҷудбуда, ҷамбасти натиҷаҳо, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба намуди мақолаҳо ташаккул дода шудаанд ва дар диссертатсия ва автореферати он дарҷ гардидаанд.

Дар маҷлиси 03 июли соли 2023 Шӯрои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Сараев Алишер Раҳматуллоевич ба дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илмҳо аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ.

Аз 14 нафари дар маҷлис иштирок доштагон овоз доданд: тарафдор – 14, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**узви вобастаи АМИТ,**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Ғоибзода А.Ҷ.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои тиб** **Шарипов А.М.**

03.07.с.2023.